# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ҚАРОР
# Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ

(қарори Ҳукумати ЧТ аз 7.05.2015 № 319)

Мутобиқи моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ таъсис дода шавад.
2. Ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ва Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ тибқи замимаҳои 1 ва 2 тасдиқ карда шавад.
3. Вазорату идораҳо татбиқи қарори мазкурро таъмин намоянд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон
аз 2 ноябри соли 2013, № 495
ш. Душанбе

Замимаи 1
Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 2 ноябри соли 2013, № 495
тасдиқ шудааст

## Ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон -Раиси Шӯро; Аъзои Шӯро:
Муовини Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.05.2015 № 319);
Муовини Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.05.2015 № 319);
Муовини Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини Директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Муовини раиси Раёсати Иттифоқи Тоҷикматлубот;
Директори Маркази ҷумҳуриявӣ оид ба масъалаҳои ғизои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.05.2015 № 319);
Сардори Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.05.2015 № 319);
Директори Пажӯҳишгоҳи профилактикаи тибби Тоҷикистон;
Ректори Донишгоҳии давлатии тибби Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино;
Раиси Корхонаи воҳиди давлатии "Хӯрокворӣ"-и Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.05.2015 № 319);
Директрри Муассисаи давлатии илмии "Пажуҳишгоҳи давлатии "Ғизо"-и Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.05.2015 № 319);
Сардори Хадамоти назорати давлатии байтории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Сардори Нозироти савдои Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.05.2015 № 319);
Сардори шӯъбаи стандартонии Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 7.05.2015 № 319);
Сардори Хадамоти давлатии фитосанитарӣ ва карантини растании Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Мудирони сохторҳои дахлдори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Раиси Иттифоқи соҳибкорон ва содиркунандагони Тоҷикистон;
Раиси Иттифоқи истеъмолкунандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон.